Ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-024 -и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қамаров А.З. дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2016)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти илмии Қамаров А.З. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми муносибатҳои байналхалқӣ бахшида шудааст. Ҳамкориҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар зумраи авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар ҷой гирифтааст. Тавре ки дар консепсияи сиёсати хориҷии кишвар омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истиқбол аз алоқамандии кишварҳои арабии ҳошияи Халиҷи Форс, аз қабили Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Давлати Қатар, Давлати Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб, ба сармоягузории лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон, ки аҳамияти миллӣ ва минтақавӣ доранд, ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақаи мазкур саъй менамояд. Ба манзури таҳкими муносибатҳо бо ҷаҳони араб Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Ҷомеаи Давлатҳои Арабӣ густариш хоҳад дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба нуфузу эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Мисри Араб дар сиёсати минтақа ва ҷаҳон ба густариши муносибатҳои ҳамкорӣ алоқаманд аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаи Африқоро ба ҳайси самти ояндадори ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногун арзёбӣ мекунад. Ба ин муносибат, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ба барқарор намудани муносибатҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои арабии шимоли Африқо, мисли

Шоҳигарии Марокаш, Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир, Ҷумҳурии Тунис, Давлати Либиё ва ғайра саъй хоҳад намуд».

Маҳз ҳамин амр омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи таърихи устуворшавӣ ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои араб муҳим ва мубрам гардондааст. Тавре ки дар консепсияи сиёсати хориҷии мамлакат ишора шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муштаракоти таърихию фарҳангӣ ва тамаддунию динии хеш бо кишварҳои ҷаҳони ислом ҷонибдори ҳамкориҳои фаъолу судманд бо Созмони ҳамкории исломӣ ва ниҳодҳои тахассусии он мебошад. Тоҷикистон, бино бар зарурати ҳаётӣ ва таъхирнопазири ба сатҳи навини пешрафт ва рушд баровардани ҷаҳони ислом ва рафъи мушкилоти мавҷуда ва афзоишёбандаи он, таҳия ва татбики Стратегияи рушди ҷаҳони исломро мувофиқи мақсад медонад, ки ҳадафи меҳварии он бояд рушди сареъ, босубот ва мутавозини иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии кишварҳои аъзои созмон бошад».

Тавре ки бармеояд, ҳамкории кишвари мо бо кишварҳои араб ҳанӯз дар асрҳои гузашта мазмуни ба худ хос ва муназзамеро гирифта буд ва аҳли илму фарҳанги тоҷик дар ташаккул ва рушди тамаддуни исломӣ накши хос бозидаанд. Сохтори рисолаи мазкур маҳз бо назардошти ин амр тарҳрезӣ шуда аз 3 боб ва 6 зербоб бо сарсухану хулосаҳояш иборат аст.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он, мавзуъ, объект, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия нишон дода шудааст. Дар баробари ин, дар муқаддима натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия инъикос гардиданд.

Боби аввали рисола «**Аз таърихи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб**» ном дошта, ба таърихи устуворшавӣ, шаклгирӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб бахшида шудааст. Муаллиф пеш аз ҳама пешдаромади таърихие пешниҳод карда, таърихи шаклгирии муносибатҳои мутақобилаи

халқҳои тоҷику арабро ба қалам оварда бо мисол ва далелҳои таърихӣ исбот кардааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ки тоҷикон бо пазириши ислом дар ташаккули тамаддуни исломӣ ҳамчун асосгузорони илмҳои динӣ, забоншиносӣ, риёзиёт, табиатшиносӣ, фазошиносӣ, ҷуғрофияшиносӣ, таъриху сиёсат ва ғайра шинохта шудаанд, ки шарҳи ин мавзуъ дар зербоби аввал омадааст. Метавон гуфт, ки зербоби дуввум давоми мантиқии зербоби аввал мебошад, зеро муаллиф бо далелу рақамҳои зиёде исбот кардааст, ки ҳамкориҳои ҷумҳурии мо бо кишварҳои араб дар даврони шуравӣ қатъ наёфта, балки мазмун, мундариҷа, сатҳ ва миқёси тозае ба худ касб карданд.

Дар анҷоми боби мазкур хулосабарории мантиқӣ оварда шудааст.

Боби дуюми рисола « **Марҳилаи ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб (солҳои 1991-2016)**» ба таҳлил ва баррасии барқароршавӣ ва шаклгирии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, нақши сиёсати “дарҳои боз”, ки ҷиҳати ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобил дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм бо ҷаҳони араб, ба ҷумҳурии мо имконятҳо фароҳам овардааст, бахшида шудааст. Дар ин боб ҳамчунин, масъалаи барқароршавӣ ва таҳаввули муносибатҳои кишвар бо созмони исломӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва илм ИСЕСКО мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои араб дар шакли бисёрҷониба инъикос менамояд.

Дар интиҳои боби мазкур аз тарафи муаллиф хулосаҳои мантиқӣ оварда шудааст.

Боби сеюми рисола «**Мушкилот ва дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб**» ном дошта, дар зербоби якум мушкилоти рушди муносибатҳо миёни ҷонибҳо дар шакли дуҷониба ва бисёрҷониба мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф бо овардани далелу пешниҳодҳо хотиррасон карданист, ки ҳамкориҳои кишвар бо кишварҳои араб муваққатӣ набуда, балки муназзам ва пайгирона сурат гирифта, пешомади бузурге

онҳоро интизор аст. Дар зербоби дуюми ин боб дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб таҳлилу таҳқиқ гардида, маҳз ба кушодану таҳлил кардани самтҳо, авлавиятҳои робитаҳои фарҳангии кишвари мо кишварҳои араб ва ИСЕСКО бахшида шудааст. Муаллиф пеш аз ҳама раванди ниҳодинаёбии ин ҳамкориҳоро дар фаъол намудани кори комиссияҳои муштараки байниҳукуматӣ, Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон – кишварҳои араб, баргузории рӯзҳои фарҳангии ҷонибҳо, намоиши дастовардҳо ва ҳунарҳои мардумӣ, табодули мутахассисону донишомӯзон дар соҳаи маъориф ва илм нишон додааст. Силсилаи чорабиниҳо ва иқдомоти муштараки пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИСЕСКО, ки аз он дар рисола сухан меравад, аз ҷумла ҷашнвораҳои абармардони фарҳанги исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ, эҳёи ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Мӯминобод, тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом, соли бузургдошти Имоми Аъзам – Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, ба таъминоти давлатӣ гузаштани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгари онанд, ки ин созмон дар муарररифии фарҳанги пурғановати тоҷик нақши хос бозида истодааст.

Ҳамин тавр, муаллиф як силсила пешниҳодҳое ҳам кардааст, ки дар бахши хулосаи кор оварда шуда, ба назар гирифтани онҳо барои боз ҳам вусъату мазмуни тоза гирифтани ҳамкориҳо заминаи хубе фароҳам меорад.

Мазмун ва мундариҷаи рисола, пайдарҳамӣ ва васли мантиқии бобҳои рисола, таҳлилу натиҷагириҳои мантиқан асоснок карда шуда ва баёни андешаҳо бо забони илмии тоҷикӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф малакаи хуби таҳлилу баррасии ҳодиса ва воқеаҳо дорад ва бо истифода аз услубу равишҳои тозаи ба илми ватанӣ воридшуда таҳқиқоти илмии мукаммалеро ба анҷом расондааст.

Бо назардошти омилҳои зикршуда метавон гуфт, ки рисолаи илмии пешниҳодкардаи унвонҷӯ Қамаров А.З. дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2016)» ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15. – Таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи муносибатҳои
байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: **Самиев Х. Д.**

Имзои Самиев Х.Д.- ро тасдиқ мекунам. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**

"20" 10 2021с.